ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб)

Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович ба таҳқиқи масъалаҳои таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз бахшида шудааст. Муҳаққиқ бо истифода аз равиши илмии таърихӣ-муқоисавӣ таъсири ашъори Ибн ал-Фориз, хоссатан қасидаҳои "Тоияи кубро" ва "Хамрия"-и ӯро ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ нишон додааст.

Агарчи дар бораи таъсири мутақобилаи адабиёти араб ва форсӣ-тоҷикӣ асарҳои илмӣ эҷод шуда бошад ҳам, таҳқиқи мукаммали мавзуъ дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст сурат мегирад. Бинобар ин, диссертатсияи Холов А.С. қадами аввалинест, ки холигиҳои мавҷударо пур мекунад.

Муҳаққиқ бар он назар аст, ки Ибн ал-Фориз яке аз шоирони бузурги қасидасарои адабиёти араб буда, аз ӯ девони кӯчаке боқӣ мондааст, вале бо вуҷуди ин аз машҳуртарин девонҳои шеъри араб ба ҳисоб меравад. Яке аз омилҳои маъруфияташ дар он аст, ки ба аксари қасоиди ӯ шарҳ навиштаанд.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ба рушди адабиётшиносии муқоисавӣ, таърихи адабиёт, фарҳангу тамаддун таъсири мусбат расонида метавонад. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ барои таҳлилу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносиву шарқшиносӣ, махсусан омӯзиши таъсири мутақобилаи фарҳангу забон ва адабиёти арабу форсу тоҷик, таъсири шуарои араб бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шахсияти адабии Ибн ал-Фориз, сабку хусусиёти бадеии ашъор ва таъсири ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, мазомини муштараки ашъори Ибн

ал-Фориз ва Ҷомӣ, маъруфияти Ҷомӣ дар фарҳангу адаби араб мусоидат хоҳанд кард.

Ҷиҳати дастёбӣ ба ҳаллу фасли масоили мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди дасти аввал, бахусус нусхаҳои хаттиву осори дар солҳои гуногун мунташиргардидаи шоир ва мақолаву таҳқиқоти адабпажуҳону ховаршиносони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ иртибот доранд, васеъ истифода бурдааст.

Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсири ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди Ибн ал-Фориз, зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Фориз, таъсири забону адабиёти араб ба эҷодиёти Ҷомӣ, шуҳрати Ҷомӣ дар доираҳои илмиву адабии арабӣ ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 11 мақола, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Восиева Рухшона Қурбоновна** – доктори илми филология, профессор,

декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Додихудоев Рачабалӣ Муҳаммадиевич** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Рачабов Ҳ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,
муовини раиси шурои диссертатсионӣ Сафаров У.Р.

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р.Қ.

«31» октябри соли 2022.